## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ТАШХИС

**оид ба диссертатсияи номзадии Мирзоев Шуҳрат Сайдаҳмадович дар мавзӯи «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

Комиссияи ташхис дар ҳайати доктори илмҳои педагогӣ, профессор Х. Раҳимзода, (раиси комиссия), докторони илмҳои педагогӣ, профессорон С.Бандаев ва С.Авғонов (аъзоёни комиссия) рисолаи Мирзоев Шуҳрат Сайдаҳмадовичро дар мавзӯи «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ ба ҳимоя пешниҳод намудааст, омӯхта ба чунин хулоса омадем.

Мавзӯи рисола ба асосҳои педагогии баланд бардоштани сатҳи дониши талабагон ва дар партави Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи тасдиқи барномаи тадрис ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои солҳои 2004-2014», ки то соли 2015-2020 тамдид гардидааст, бахшида шуда, мавзӯи муҳим ва замонавист.

Унвонҷӯ дар робита ба мавзӯи интихоб намудааш маъхазҳои зиёди илмиро мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, дар ҳамин асос мухтаво, вазифа ва самти таҳқиқи хешро муайян кардааст.

Аз ҷониби унвонҷӯ ба таври кофӣ корҳои илмӣ-тадқиқотии олимону коршиносон омӯхта шудааст, ки дар онҳо масъалаҳои умуминазариявӣ ва методологии дарёфт ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар омӯзиши забони англисӣ дар заминаи муносибатҳои босалоҳият нисбати таълим, назария ва амалияи вориднамоии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, барномаҳои таълимии компютерӣ, воситаҳои таълими компютерӣ ба таври кофӣ ҳаллу фасли худро ёфтааст.

Корҳои таҳқиқотӣ-озмоишӣ дар синфҳои 3-4-и мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 1,2,3 ва 5-и шаҳри Кӯлоб анҷом ёфтаанд. Марҳила, пойгоҳи омӯзиши таҳқиқот ва татбиқи амалии таҳқиқот мантиқан ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия аз 168 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

**Дар муқаддима** зарурати таҳқиқи мавзӯъ, проблема, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаҳои таҳқиқот, ва муқарароти асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, дарҷ гардидаанд. Асосҳои методологӣ ва методҳо, марҳилаҳои таҳқиқот шарҳ дода шудаанд.

**Дар боби аввали** диссертатсия «Хусусиятҳои хоси таълими забони англисӣ дар давраи муосири рушди ҷомеа барои мактаббачагони хурдсол» оид ба масъалаҳои муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, моҳияти мақсади интегративии таълими забони англисӣ барои мактаббачагони хурдсол дар ҷомеаи иттилоотӣ ва дастгирии компютерӣ ҳамчун қисмати муҳити иттилоотӣ-таҳсилотии забони англисӣ маълумот дода мешавад. Норасоиҳое, ки дар таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ мавҷуданд, омӯхта аз нуқтаи назари методӣ ва назариявӣ таҳлил карда шудаанд, ки қобили қабуланд.

**Дар боби дуюм** «Таълими технологии дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ» масъалаҳои коркарди барномаҳои компютерие, ки таълими забони англисиро самаранок мекунанд, методҳо, принсипҳо ва воситаҳои дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва тавсифи ҷараёни кори таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба самаранокии технологияи дастгирии компютерии таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоӣ анҷом дода шудаанд.

Қобили тазаккур аст, ки унвонҷӯ дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ 20 барномаи компютерӣ-таълимӣ ва дар методи аёнияти таълим 22 расмҳои компютериро истифода бурдааст.

**Дар хотима** натиҷаҳои пажӯҳиши рисолаи илмӣ ҷамъбаст гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд.

Зимни таҳлили диссертатсия ошкор гардид, ки фарзияи таҳқиқот дуруст буда, муҳаққиқ ба навовариҳои илмии асоснокшуда дар дастгирии компютерии таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ комёб шудааст.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро шароитҳои зерин таъмин намудаанд:**

Истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии тадқиқот; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии пажӯҳиш, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш мувофиқанд; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қавоиде, ки дар фарзия ва мақсади пешбарандаи пажӯҳиш ба миён гузошта шудаанд; санҷиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти муассисаҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ; таҷрибаи фаъолияти касбии педагогии муаллифи диссертатсия.

**Дар баробари ҷиҳатҳои мусбат дар диссертатсия баъзе норасоиҳо мавҷуданд:**

1. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дучор мешаванд.
2. Дар рисола асарҳои илмии олимони тоҷик кам оварда шудаанд.
3. Дар диссертатсия ва автореферат калимаҳои кӯтоҳкардашуда аз қабили ФИ, ФИТ, ЗА, МИТ, ТИК ва ғайра зиёд истифода шудаанд. Дар хотимаи диссертатсия шарҳи онҳо оварда шудааст, аммо кумитаи забон ва истилоҳот истифодаи онҳоро расман иҷозат надодааст.

Эродҳои зикргардида аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо коста карда наметавонанд ва онҳо ислоҳпазиранд.

Муаллиф оид ба мавзӯи диссертатсия 9 мақола, аз ҷумла 4-тои онҳо дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст.

Натиҷаҳои бадастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯ мебошанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шифри ихтисос.**

Ҳамин тариқ, комиссияи ташхис ба хулоса омад, ки вобаста ба зарурат навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Хусусиятҳои технологияи таълими забони англисӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути дастгирии компютерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бандҳои 7,10,11,12,14 ва 16-и Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 таҳти рақами 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоев Шухрат Сайдаҳмадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02- Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои пегагогӣ) сазовор мебошад.

Оид ба диссертатсияи Мирзоев Шуҳрат Сайдаҳмадович таъин карда шаванд:

***- ба ҳайси муассисаи пешбар:*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

***- ба ҳайси муқарризони расмӣ:***

–доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шербоев Саидбой;
- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон Пиров Қурбон

Раиси комиссияи ташхисӣ:-
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Раҳимзода Х.

*Имзои профессор Х.Раҳимзодаро тасдиқ мекунам.*
*Сардори шуъбаи кадрҳои ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ* Шарипова С.С

Аъзои комиссияи ташхисӣ:-
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Бандаев С.

Аъзои комиссияи ташхисӣ:-
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Авғонов С.

*Имзоҳои профессорон Бандаев С. ва Авғонов С.-ро тасдиқ мекунам.*
*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ* Назаров Д.К

22.11.2020 с.